# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Суфиёи Ҷаннатмир дар мавзӯи “Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. Адабиёти тоҷик**

Пажӯҳиши ҷанбаҳои иҷтимоии осори адабӣ ва хоса эҷодиёти адибони алоҳидае мисли Халилуллоҳи Халилӣ аз ҷумлаи масоили муҳим ва мубрами адабиётшиносии муосир мебошад. Хоса дар замони мо, ки масъалаи инсонмеҳварӣ дар улуми инсонӣ мақому мавқеи бештар пайдо мекунад.

Аз ин лиҳоз, рисолаи Суфиёи Ҷаннатмир ҳам аз нигоҳи мавзӯъ ва ҳам аз лиҳози маводи пажӯҳишӣ дар раванди номбаршудаи адабиётшиносии имрӯз иқдоми ҷолиб ва гоми шоиста мебошад. Чунки Халилуллоҳи Халилӣ аз ҷумлаи он адибонест, ки аз байни иҷтимоъ ва бо дарду дармонҳои иҷтимоӣ бархостааст. Дар шеъри ӯ ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳаммосӣ омехта бо эҳсоси ғиноӣ ва андешаҳои ирфонӣ ифода мегардад. Ба ҳамин хотир ӯро ба ҳайси шоири миллӣ ва сарояндаи ормонҳои мардум дар Афғонистон дӯст медоранд.

Бояд гуфт, ки аҳволу осори Халилуллоҳи Халилӣ зиёд таваҷҷӯҳи аҳли таҳқиқро ба худ ҷалб намудааст, вале бо вуҷуди ин сухани ногуфта ва мавзӯоти таҳқиқношуда дар эҷодиёти шоир ҷой дорад. Аз ҷумла, бозтоби масоили иҷтимоӣ аз мавзуъҳои камтаҳқиқшудаи осори Халилӣ мебошад. Ҳадафи муаллифи рисолаи мазкур шинохти дақиқу ҷомеъ ва фарогири илмии тасвири масоили иҷтимоӣ дар ашъори шоир аст.

Муаллиф бо истифода аз шеваҳои пажӯҳиши таърихӣ ва таърихию қиёсӣ ашъори Халилуллоҳи Халилиро дар матни ҳаводиси иҷтимоии Афғонистони замони зиндагии шоир ба таҳқиқ мегирад. Вай масъалаҳои мӯҳтавои ашъори шоир, гароиши ӯ ба шеъри нимоӣ, қолабҳои шеърӣ, сабку шеваҳои тасвири воқеияти иҷтимоӣ ва ғайраро дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳидаи рисола мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар боби аввали рисолаи худ Суфиёи Ҷаннатмир мухтасари шарҳи ҳол ва осори шоирро баррасӣ намуда, ба чанд нуктаи муҳим ишорат менамояд. Вай таъкид менамояд, ки шоир замони кӯдакӣ ва наврасии пуразобро аз сар гузаронидааст. Вай воқеан ранҷу азоби зиёдеро аз сар гузаронидааст, ки он то андозае дар қасидаи «Оҳи нимшаб» баён шудааст. Ғайр аз ин, шоир ҳасби ҳоли худро дар қасидаи «Равоқи оварагон ё арзи ҳол» низ баён мекунад. Ин қасида асосан асари шикоятӣ буда, саҳифаҳои нобасомони рӯзгори муаллифро баён месозад.

Дар фаслҳои дигари боби мазкур баъзе хасоиси муҳими ашъори шоир мавриди баҳс қарор дода мешавад. Бояд гуфт, ки дар ашъори Халилуллоҳи Халилӣ андӯҳу ғам ва азиятҳои иҷтимоӣ дар канори ормонҳои озодӣ баён мешавад. Илова бар ин муаллиф дар фаслҳои алоҳида анвои шеърӣ, сабки баён ва гароиши шоирро ба шеъри нимоӣ матраҳ менамояд.

Боби дуюми рисола ба таҳқиқи масоили иҷтимоӣ ихтисос дода мешавад, ки он боби асосии рисола аст. Дар ин бахш унвонҷӯ аввал бозтоби мавзӯъҳои ватан, диёр, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва ғайраро ба ҳайси масоили меҳварии шеъри Халилӣ ба таҳқиқ мегирад. Бозтоби бештари мавзӯоти мазкур аз мавқеи устувори иҷтимоӣ, иштироки фаъолонаи адиб дар ҳаёти сиёсии кишвар сарчашма мегирад. Шоир ба мубаризаю талошҳои мардуми Афғонистон барои озодию истиқлол ва амният ҳамовозӣ менамояд. Даъват ба иттиҳоду мубориза ҳарчанд дар адабиёт мавзӯи нав нест, вале дар ашъори Халилуллоҳи Халилӣ он тобишу оҳанги хос дорад. Бояд гуфт, ки ихтилофи қавмию мазҳабӣ аз ҷумлаи масоили доғи ҳаёти сиёсии Афғонистон аст. Х.Халилӣ ин ихтилоф ва роҳандозандагони онро маҳкум менамояд. Шоир ба таври равшан беадолатиҳои иқтисодию иҷтимоиро маҳкум менамояд. Муаллифи рисола, таъкид менамояд, ки Халилӣ дар бештари ашъораш ранҷу ғурбат, мушкилоти иҷтимоии мардуми Афғонистон аст, бо як алоқаи махсус тасвир менамояд. Бояд гуфт, ки масоили иҷтимоӣ қариб дар ҳамаи анвои шеърии осори Халилӣ тасвир мешавад.

Унвончӯ масоили мавриди назарашро ба низом ва дар алоқамандию ҳамбастагии қавии илмӣ ва пажӯҳишӣ баррасӣ намуда, ба хулосаҳои қобили эътимоди назарӣ мерасад.

Дар баробари муҳассаноти мазкур дар рисолаи Суфиёи Ҷаннатмир баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи пажӯҳиши мазкур аз аҳамият холӣ нест:

1. Дар муқаддимаи рисола ва хоса дар бахшҳои таҳқиқ, навгонӣ ва ҷанбаҳои назарии рисола ҳадаф мушаххас баён нашудааст.
2. Дар фасли дуюми рисола агар мавзӯи ватан бо мавзӯъҳои муҳоҷирату муқовимат дар якҷоягӣ баррасӣ мегардид, беҳтар буд.

   Ин камбудиҳои бе ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намесозад. Рисолаи Суфиёи Ҷаннатмир пажӯҳиши анҷомёфта ва комилу фарогир буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Доктори илмҳои филология,
дотсенти кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Восиева Р.Қ.

Имзои Р.Қ. Восиеваро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК: Изатуллоева М.К.

20.09. 2018